**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-027**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба**
**МАҲМУДОВ ИСМОИЛҶОН МАҲМУДҶОНОВИЧ**

**Парвандаи аттестатсионӣ ________________**
**Қарори шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-027 аз 19.06.2021с.**
**Протоколи № 38.**

Диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи “Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир” (дар раванди таълими математика), дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №24 аз 10 марти соли 2021, шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар шӯрои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 28.12.2017, №5 тасдик шудааст.

Диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 26 июни соли 2020, суратҷаласаи №11, муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ интишор шуда, 6 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсияшуда, ба табъ расидаанд.

**Рохбари илмӣ:** Исломов Озод Азимович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи накшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими он МТД “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**МУКАРРИЗОНИ РАСМӢ:**

- **Нугмонов Мансур** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
- **Абдуллоев Шавкат Усмонович** – н.и.п., дотсент, декани факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент

**МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА:**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.**

**Муассисаи тақриздиҳанда** дар тақризи худ, аз 12.04.2021., суратҷаласаи №9, ки онро мураттиби тақриз – роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Исоева Д. С., ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Бобоева М.Ҷ., имзо карда, ректори донишкада, профессор Мирализода А.М. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки дар диссертатсия, бо назардошти аҳамияти муҳим будани яке аз ҳадафҳои таҳсилоти муосир-ташаккул ва инкишоф додани рағбату таваҷҷӯҳи хонандагон ба омӯзиши фанҳои дақиқ аз зинаҳои нахустини таҳсилот, ки аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ корбурди воситаҳои гуногуни таълимро, хусусан дар асоси технологияҳои муосир тақозо менамояд, коркарди амсилаи ташаккул додани салоҳиятнокии касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ тавассути технологияҳои муосир амалӣ гардида, тарики кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бо татбиқи методҳои мувофик ба ҳадафҳои озмоиш дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ санҷида шудааст. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Рисолаи илмии Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ интишор шуда, 6 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсияшуда, ба табъ расидаанд.

Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи тақиқшаванда:

1.Маҳмудов И.М. Имкониятҳои дидактикии васоити техники дар раванди таълим [Матн] / И.М. Маҳмудов // Номаи Донишгоҳ №4 2018- С. 152-156

2.Маҳмудов И.М. Баъзе масъалаҳои шаклгирии тафаккури хонандагон дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов // Номаи Донишгоҳ №2 2019- С. 166-171

3. Маҳмудов И.М. Нақши воситаҳои техникии таълим ва технологияи иттилоотӣ дар раванди таҳсилоти ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов // маҷаллаи илмии Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав №3 С.125-130.

4. Маҳмудов И.М. Истифодаи технологияхои муосир дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов // Номаи Донишгоҳ №4 2019- С. 192-198

5. Маҳмудов И.М. Ташаккули фанни математика тавассути барномаи

мобилии «математикаи шавқовар»дар синфҳои ибтидоӣ / [Матн] / И.М. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №2 2021- С. 165-168
6. Маҳмудов И.М. Воситаҳои техникии таълимии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ/ [Матн] / И.М. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №2 2021- С. 156-159

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба шӯрои диссертатсионӣ ворид шудааст:

1. **Лутфуллозода М.** – д. и. п., профессор академики АТТ.

Эроди 1. Бо назардошти муҳтавои рисола, такмили илмии муқаддима зарур ба назар мерасад.

Эроди 2. Ислоҳи ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, ки дар рисола ба назар расиданд, ҳатмӣ мебошад.

Эроди 3.Бозбинӣ ва таҳрири забонии рисола низ муҳим аст.

2. **Satторов Абдурасул Эшбекович** – д. и.п., профессори кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав". Эроди 1. Бо вуҷуди дастовардҳо дар фишурдаи рисола баъзе ғалатҳои имлоиву услубӣ ба назар мерасанд, ки арзиши илмии онро кам намесозанд.
3. **Мамараимов Мухиддин Ташпулотович** – н.и.п., профессори академияи фанҳои табиӣ ФР. Муқарриз эрод надорад.
4. **Базарова Муслима** – н.и.п., дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Термез Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

   Эроди 1. В то же время в качестве рекомендации и замечания следует отметить, что целеобразно было бы рассмотреть в сравнительно сопоставительном аспекте отечественный и зарубежный опыт формирования профессиональной компетентости учителя при преподовании дисциплины математики и исползования средств обучения.
5. **Зойиров В.** – н.и.п., дотсент, мутахассиси шӯъбаи маорифи ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд. Муқарриз эрод надорад.
6. **Абдуллоев Ғафурҷон** – н.и.п., дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва технологияи инноватсионӣ ДТСТ. Муқарриз эрод надорад.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- амсила (модел) ва технологияи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор зимни таълими фанни математика бо истифода аз воситаҳои таълим тахия шудааст;
- мафҳуми салоҳиятнокии касбии омӯзгор шарҳу тавзеҳ ёфта, хусусиятҳои сохтории он муайян карда шудааст;
- моҳият ва махсусиятҳои раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва принсипҳои асосии ташкили он асоснок шудааст;
- меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дараҷаҳои ташаккули

салоҳиятнокии касбии омӯзгор зимни таълими фанни математика бо истифода аз воситаҳои таълим дар асоси риояи принсипҳо ва қоидаҳои таълим коркард ва муайян карда шудааст;

- шартҳои ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор зимни таълими фанни математика бо истифода аз воситаҳои таълим муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- асосҳои назариявии мафҳуми салоҳиятнокии педагогии омӯзгор ҳамчун кулли донишҳои инфиродӣ таъйин гардиданд, ки барои инкишофи минбаъдаи қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии омӯзгорон, афзудани талаботи онҳо ба дарки моҳияти рӯйдодҳо мусоидат менамояд;

- омилҳои ба ташаккули салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мусоидаткунанда дар шароити таълими донишгоҳӣ муайян карда шуданд;

- маҷмӯи омилҳои педагогии инкишофи салоҳиятнокии таҳқиқотӣ дар рафти таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз технологияи муосир ошкор шуданд;

- дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили махсусиятҳои салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ меъёрҳои асосии бо ҳам алоқаманд, ки самаранокии истифодаи технологияи муосирро дар раванди таълим фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ таъмин мекунанд, муайян карда шуданд;

- қонунияти дидактикии ташаккули салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика муайян гардиданд.

Ҳамчунин, хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд барои таҳқиқотҳои минбаъда дар самти ташаккули муносибати салоҳиятноки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба сифати пойгоҳи назариявӣ хизмат намоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар чунин нуктаҳо зоҳир меёбад:

- шартҳои педагогии инкишофи салоҳиятнокии омӯзгории донишҷӯён дар рафти таълими фанни математика, ки ба татбиқи минбаъдаи потенсиали касбии онҳо нигаронида шудааст, коркард ва тариқи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шуданд;

- усулҳои ташкили фаъолияти мустақилонаву илмии донишҷӯёни факултетҳои педагогӣ зимни омӯзиши фанни математика шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки ба инкишофи потенсиали илмӣ ва шахсии донишҷӯён мусоидат мекунанд;

- меъёрҳои бо ҳам алоқаманди салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими математика муайян гардида, ҳамчунин маҷмӯи роҳу усулҳои муайян намудани сатҳи салоҳиятнокии омӯзгории донишҷӯён дар раванди озмоиши педагогӣ амалан татбиқ гардиданд;

- маҷмӯи супоришҳои хусусияти эвристикӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодӣ дошта, ки барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми таълими математика ва бедор кардани шавқу рағбати онҳо ба касби хеш пешбинӣ

гардидаанд, тахия ва коркард шуданд;

- маҷмӯи тестҳои санҷишӣ таҳия гардиданд, ки барои назорат кардани ташаккули салоҳияти омӯзгории худ аз ҷониби донишҷӯён пешбинӣ шудаанд.

Маводу натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгорони фанҳои математикаи синфҳои болоии мактабҳо ва донишгоҳҳои олӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот:** бо муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо, амиқии кори назариявӣ ва методологӣ, мутобиқати усулҳои таҳқиқ, такя ба репрезентативӣ будани маълумоти бадастомада, таҳлили таҷрибаи муаллиф ҳамчун омӯзгор, татбиқи натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар шароити шабеҳ таъмин карда мешавад. Ҳамчунин зимни ба ҳам мутобиқат намудани таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили сифатӣ ва микдории натиҷаҳои бадастомада, истифодаи усулҳои оморӣ зимни коркарди маълумотҳо, истифодаи маҷмӯи усулҳои илмии мутобиқ ба фарзияи кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ва инчунин дар раванди таҷрибаи кории унвонҷӯ дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимӣ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” санҷида шудааст.

**Нақши унвонҷӯ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;
- муайян кардани асосҳои муназзамии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими математика; коркард ва таҳияи амсилаи (модели) ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими математика;
- тариқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидани таъсири технологияи коркардшуда дар ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими математика.

Диссертатсия масъалаҳои асосии ҳадафҳои илмии таҳқиқот – коркарди мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика), ки ба меъёри ягонагии дохилӣ мутобиқ аст, фаро мегирад ва боэътимодии он бо пояи мустаҳками методологӣ, нақшаи саҳеҳи коркарди муназзам ва мунтазами илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ арзёбӣ шудааст.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 13 нафар,

муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест.

бюллетенҳои беэътибор – нест.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 19 июни соли 2021 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи “Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир” (дар раванди таълими математика), кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Ба Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дода шавад.
2. Хулоса ва қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 дар назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар мувофиқа бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 тахти №505 тасдиқ гардидааст, тасдиқ карда шавад.
3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулоса ва қарори шӯроро тасдиқ намояд ва ба Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-027, доктори илмҳои**
**педагогӣ, профессор** **Шаропов Ш.А.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-027**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**

**19.06.2021с.**